# Намоз дар байни дигар ибодатҳо

[ Тоҷики – Tajiki – طاجيكية ]

**Нависанда: Исҳоқи Дабирӣ**

**Таҳияи: Мусаби Ҳамза**

2009 - 1430

islamhouse.com

# مكانة الصلاة في الإسلام

« باللغة الطاجيكية »

مؤلف : إسحاق دبيري

إعداد : مصعب حمزة

2009 - 1430

islamhouse.com

Мақоми намоз дар байни дигар ибодатҳо

Азбаски намоз дар байни дигар ибодатҳо хусусият ва имтиёзҳои муҳиме дошт, Худованд онро бидуни восита ва миёнраве дар шаби Исроъ ва Меъроҷ мустақиман расули Худоро мухотаб қарор дода онро ба Ӯ ва умматаш фарз гардонид.
Ва ба ҳамин хотир расули Худо (с) вақте кори муҳиме рӯй медод, мисли хусуфи моҳ (Хусуф-гирифтани моҳ ё аз назар пинҳон шудани моҳ дар шабҳое, ки бояд дида шавад, ки моҳ гирифтан ё гирифтани моҳ ҳам мегӯянд) ва хусуфи офтоб (хусуф-гирифта шудани офтоб ё торик шудани қурси офтоб) билофосила ба адои намоз бармехест, то ин ки раҳмати худовандӣ шомили ҳоли онҳо ва мушкили онҳо ҳал шавад.
Пас мо бояд ба расули Худо иқтидо ва пайравӣ намуда, он амале, ки Ӯ анҷом медод, ба ҷой оварем.

**Фазли намози ҷамоат**
Намози ҷамоат фазилатҳои зиёде дорад, аз ҷумла:
Аз Абдуллоҳ ибни Умар (рз) ривоят аст, ки расули Худо (с) фармуд: Намози ҷамоат бар намози фардӣ ва танҳо бар 27 дараҷа фазилат ва бартарӣ дорад (Бухорӣ ва Муслим).
Пас чӣ беҳтар аз ин аст, ки инсон ҳама намозҳояшонро дар масҷид бо ҷамоат гузорад? То ин фазилати бузургро соҳиб шавад.
Ва ногуфта намонад, ки инсон ҳар қадаме, ки ба сӯи масҷид рафтан мезанад, Худованд барои ӯ аҷру савоб менависад.
Абӯҳурайра (р.з) ривоят мекунад, ки расули Худо (с) гуфт: Намози шахс бо ҷамоат 25 баробар аз намозе, ки дар хона ё бозор мегузорад, аҷру подоши зиёд дорад, зеро агар ба пуррагӣ таҳорат кунад ва баъд аз он ба сӯи масҷид барояд ва хонааш ва баромаданаш фақат ба хотири намоз бошад, ҳар қадаме, ки бармедорад ба аҷру

савоб ва подоши ӯ як дараҷа изофа ва аз ӯ як саъия (кори бад, гуноҳ) кам мешавад.
Ва вақте намозро хонд ва то вақте, ки дар намозгоҳаш аст, фариштагон бар ӯ дуруд мефиристанд, агар таҳорати худро нашиканад.
Ва фариштагон мегӯянд: Бор Илоҳо бар ӯ дуруд бифирист! Бор Илоҳо ӯро раҳмат кун ва ӯ дар ҳолати намоз аст то вақте, ки мунтазири намози баъдӣ аст. (Бухорӣ ва Муслим).
Вақте инсон бо ҷамоат намоз мехонад, аз риёкорӣ ва нифоқу дурӯягӣ эмин ва пок хоҳад монд.
Аз Абдуллоҳ ибни Масъуд ривоят аст, ки гуфт: Касе ки мехоҳад Худовандро мулоқот кунад дар ҳоле, ки мусалмон аст, пас бар ин намозҳо, ки барои он азон гуфта мешавад, муҳофизат кунад. Зеро ки Худованд барои пайғамбари шумо суннатҳое, ки мардумро ба роҳи рост ҳидоят кунад ташреъ ва қонунгузорӣ кардааст ва ин намозҳо ҷузъи ин суннатҳоянд, пас агар намозҳоро дар хона хондед, суннати пайғамбаратонро тарк кардаед ва агар суннати пайғамбаратонро тарк кунед, гумроҳ хоҳед шуд.
Ва марде, ки ба пуррагӣ таҳоратро ба ҷой оварад ва баъд ба тарафи масҷиде аз ин масҷидҳо равона шавад, Худованд барои ҳар қадаме, ки бармедорад барояш некие навишта ва барояш дараҷаи савобе ва аҷре изофа карда ва гуноҳе аз гуноҳони ӯро кам мекунад.
Ва дар замони пайғамбар (с) ҳеҷ кас аз намози ҷамоат тахаллуф намекард, магар мунофиқе, ки нифоқи ӯ зоҳир ва ошкор буд ва дар он замон ду тарафи марди маризро мегирифтанд то ӯро дар сафи намоз қарор диҳанд ва бо ҷамоат намоз бихонад. (Аҳмад, Муслим, Абӯдовуд ва дигарон).
Ин маънои онро надорад, ки намози шахс дар хона танҳо дуруст нест ё қабул нест, балки маънояш ин аст, ки инсон кӯшиш кунад, ки намозҳои худро дар масҷид бо ҷамоат хонад ва ба қадри иститоаташ, то ки аз аҷри

бузург бенасиб намонад, чӣ гунае ки дар боло зикр шуд, ачру савоби намози ҷамоат аз намози танҳоӣ 25 маротиба зиёд аст, пас мо бояд кӯшиш кунем, ки ачри бузургро аз даст надиҳем.
Аз Абӯҳурайра (р.з) ривоят аст, ки расули Худо (с) гуфт: Касе ки субҳ ва шом барои намози ҷамоат ба сӯи масҷид меравад ва ҳар андоза, ки ба масҷид зиёд равад, Худованд барои ӯ дар биҳишт меҳмонӣ фароҳам мекунад. (Бухорӣ ва Муслим).
Ва аз Абӯҳурайра (р.з) ривоят аст, ки расули Худо (с) гуфт: Ба касоне, ки дар торикии шабҳо ба масҷидҳо мераванд, башорат бидеҳ, ки дар рӯзи қиёмат аз нури комил бархурдоранд. (Абӯдовуд, Ибни Моҷаҳ, Тирмизӣ), (мақсад аз торикии шабҳо – вақте ки инсон ба намози бомдод дар торикӣ меравад, ва Аллоҳ аълим).
Ва дуруд ва раҳмати Худо бар пайғамбар ва ёрону хонадону пайравонаш бод, вассалому алайкум ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳ.

Гирифта шуд аз китоби «Намози ҷамоат»
Таълифи Исҳоқи Дабирӣ.
Таҳияи Мусъаби Ҳамза.